**Қабули наворҳои видеоӣ барои озмуни БРСММ "Омилони тағйирот дар амал: 16 рӯзи амалҳои фаъол алайҳи зӯроварии гендерӣ"**

Озмуни видеоии БРСММ "16 рӯзи амалҳои фаъол алайҳи зӯроварии гендерӣ" ифтитоҳ шуд! Мавзӯи имсола "МУТТАҲИД ШАВЕД! Барои пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва духтарон сармоягузорӣ кунед”.

Озмуни БРСММ ба баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи хушунати гендерӣ ва хушунати хонаводагӣ дар Тоҷикистон, аҳамияти пешбурди ҳуқуқи занон, баробарии гендерӣ, таҳсилоти занон ва солимии оила бо роҳи муқовимат бо тасаввурот ва стереотипҳои анъанавӣ тавассути видеоҳои таъсирбахш дар шабакаҳои иҷтимоӣ равона шудааст.

**Чӣ тавр метавон ворид шуд**

Лутфан бо истифода аз шакли дар **ин суроға** овардашуда ворид шавед.

Ҳама гуна саволҳоро метавонед ба почтаи электронии  nigorai.fazliddin@undp.org фиристед.

Ҳамаи дархостҳо бояд то 3 декабри соли 2023, соати 23:59 GMT+5 пешниҳод карда шаванд.

**Кӣ метавонад иштирок кунад?**

Ҳама, аз ҷумла шахсони ҷудогона ё ташкилотҳо, метавонанд дар озмун иштирок кунанд. Дар аризаи шумо бояд ташкилоти шумо ишора карда шавад, агар лозим бошад.

Иштирокчиёни зери синни 18-сола бояд аз васиёни қонунии худ розигии пешакӣ гиранд ва ҳангоми пур кардани варақаи дархост инро тасдиқ кунанд.

Барои иштирок дар озмун маблағ ситонида намешавад.

**Чӣ бояд пешниҳод карда шавад? (Меъёрҳо барои ҳуқуқи иштирок)**

Ҳамаи иштирокчиён инҳоро пешниҳод мекунанд:

- Линки видеои (то 2 дақиқаву 20 сония) дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашршуда (TikTok, Instagram, Facebook Е X) бо хэштеги #16DaysOfActivismTJK. Тариқи танзимоти шабакаҳои иҷтимоӣ санҷед, то ки видеои шумо барои тамошо ба ҳама дастрас бошад.
- Тавсифи мухтасари (тақрибан 150 калима) сенария/саргузашт бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ё англисӣ, инчунин аҳамият ва робитаи он ба мавзӯъ.
- Шакли имзошудаи иҷозат барои истифодаи ҳуқуқи муаллифӣ ва ариза дар бораи ҳуқуқи моликият ба видео дар шакли ироанамудаи озмун. Барои довталабони то 18-сола - шакли имзошуда дар бораи он, ки аз васиёни қонунӣ иҷозат гирифта шудааст. Шакли имзошудаи санади БРСММ ин ҷо боргирӣ кунед.

Иштирокчиён бояд аз ифшои ҳар гуна маълумоти шахсии нолозим худдорӣ кунанд. Ҳар гуна маводе, ки таҳқиромез, ношоиста ё бадномкунанда аст, рад карда мешавад. Ба

довталабон паёми электронӣ дар бораи он фиристода мешавад, ки оё дархости онҳо қабул шудааст ё рад карда шудааст.

Ҳар як иштирокчии гумонбар ба қаллобӣ аз ҳаққи иштирок маҳрум карда мешавад. Ягон логотип, URL-суроға, рақамҳои телефон ё зангҳое, ки бевосита хайрияҳои пулиро талаб мекунанд, набояд дар ягон мавод мавҷуд бошанд.

**Меъёрҳои интихоб**

Ҳамаи дархостҳо пеш аз оғози дар озмун барои муайян кардани он, ки оё онҳо ба меъёрҳо мувофиқат мекунанд ё не, баррасӣ карда мешаванд. Барои арзёбии видеои пешниҳодшуда меъёрҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- Алоқамандӣ ба мавзӯи "16 рӯзи фаъолӣ"
- Эҷодкорӣ
- Сифатнокӣ
- Ҷалбсозӣ (лайкҳо, репостҳо, шарҳҳо ба видео дар расонаҳои иҷтимоӣ)

**Интихоби ғолибон**

Ғолибон тавассути почтаи электронӣ то 6 декабри соли 2023 огоҳ карда мешаванд. Наворҳои видеоии ғолибон дар чорабинии ҷамъиятӣ дар шаҳри Душанбе намоиш дода мешаванд.

**Ҷоизаҳо**

Наворҳои видеоии ғолибон дар чорабинии "16 рӯзи фаъолӣ" дар Душанбе намоиш дода мешаванд ва тавассути платформаҳои шабакаҳои иҷтимоии БРСММ пешбарӣ карда мешаванд.

**Ҳуқуқи муаллифӣ**

Иштирокчиён бояд соҳиби ягонаи ҳуқуқ ба видеои худ бошанд. Агар видео ба ягон шахс бахшида шуда бошад, иштирокчӣ бояд пеш аз иштирок дар озмун розигии ӯро барои фиристодани видео гирад. Бо иштирок дар озмун, соҳиби видео изҳор медорад, ки ҳамаи шахсони дар видео иштироккунанда ба ӯ иҷозат додаанд, ки видеоро ба озмуни видеоии БРСММ фиристад.

Бо иштирок дар озмуни видеоӣ соҳибони наворҳои видеоӣ ҳуқуқи муаллифии кори худро нигоҳ медоранд. Аммо иштирокчиён ба БРСММ ҳуқуқ медиҳанд, ки видеоҳоро барои мақсадҳои иттилоотии ҷамъиятӣ ва намоишӣ ба таври ройгон ва бидуни иҷозати пешакии соҳиби ҳуқуқи муаллифӣ истифода барад.  Довталаб ба Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) ҳуқуқ медиҳад, ки маводеро, ки ӯ ба озмуни видеоӣ пешниҳод кардааст, бепул ва бидуни маҳдудият дар ҳар вақти дилхоҳ аз рӯзи имзо намудан дар тамоми ҷаҳон истифода барад, аз ҷумла ҳама гуна чунин ҳуқуқҳои моликияти зеҳниро бо ҳама гуна мақсад, дар ҳама шакл ё васила, дар ин сомона ё дар ҷои дигар, барои чорабиниҳои таблиғотии аз ҷониби БРСММ ташкилшуда, хоҳ дар сатҳи маҳаллӣ ва хоҳ дар сатҳи ҷаҳонӣ таҳрир, нусхабардорӣ, чоп, айнан такрор, паҳн, тарҷума кунад ва ба

таври оммавӣ намоиш диҳад ё нашр кунад. БРСММ видеоҳоро танҳо барои мақсадҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла дар намоишгоҳҳо, маводҳои таълимӣ ва таблиғотӣ, сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра, истифода мебарад. Ҳангоми истифодаи видео муаллиф ва ҳуқуқи муаллифӣ нишон дода мешаванд.

Бо иштирок дар озмун иштирокчиён розӣ мешаванд, ки қоидаҳои озмун ва созишнома оиди ҳуқуқи муаллифиро риоя мекунанд.

Вебинари онлайнӣ бо шарҳи қоидаҳои озмуни видеоӣ рӯзи душанбе, 20 ноябри соли 2023, баргузор мешавад. Лутфан то 20 ноябр аз бақайдгирӣ гузаред, то ки линки онро ба даст оред. Барои сабтиномшавӣ ба суроғаи зерин ворид шавед.